# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷииТоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 13.05.2023, №11**

Барои сазовор донистани Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.аз руйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маънoии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби кӯҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилаии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022, таҳти №90/шд) 04 марти соли 2023, суратмаҷлиси №5 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович 18-уми майи соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2018 зинаи мутахасиси факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғараро хатм намудааст. Соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯ таҳқиқоти илмии худро дар Донишгоҳи давлатии Данғара оғоз намуда, имтиҳонҳои номзадиро бо баҳои хубу аъло супоридааст. Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович аз соли 2018 инҷониб омӯзгори кафедраи назария ва амалияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолияти меҳнатӣ дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисии Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ **Туйғунов Носир Ҳақбердиевич.**

**Муқарризони расмӣ** – **Мухторов Зайнидин Мухторович -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишгоҳи рушди менеҷменти Сингапур дар Тоҷикистон, **Раҳимов Маҳмадназар Сафарович** – номзади

илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ ба диссертатсия ва автореферат тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии донишгоҳи мазкур, номзади илми филология, дотсент Муродов Б.Р. ва устодони кафедраи мазкур – номзадони илми филология, дотсентон Гулмадшоев Ш.Ш. ва Гулямов Ҳ.Қ., котиби илмии ҷаласа Маҳсудинов Р.И бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафаврович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби куҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраротиі бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М]. ҚОСИМОВ, М.С.** Назаре ба омӯзиши муқоисавии таснифоти пешояндҳо дар забонҳои тоҷикию англисӣ ва воситаҳои тарҷумаи онҳо [Матн] / М.С. Қосимов// "Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. №3. – С. 74-78. ISSN 2076-2569 X.

**[2-М]. ҚОСИМОВ, М.С.** Пешояндҳои сода, сохта ва мураккаб дар забони англисӣ ва хусусиятҳои сохторӣ- маъноии онҳо (дар заминаи маводи англисии

асарҳои “Ёддоштҳо”, “Мактаби кӯҳна” ва “Аҳмади Девбанд”-и С.Айнӣ ) [Матн] / М.С. Қосимов // “Гузоришҳои Академияи милии илмҳои Тоҷикистон”. – Душанбе, 2021. №4. – С. 74-78. ISSN 2076-2569 X.

**[3-М]. ҚОСИМОВ, М.С.** Таҳлили муқоисавии гурӯҳбандии пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ /М.С. Қосимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. №3, (112). – С. 112-119. ISSN-2413-516X.

**[4- М]. ҚОСИМОВ М.С.** Тафовут ва умумиятҳои маънои пешояндҳо дар заминаи асарҳои бадеии бевосита тарҷумашуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.С. Қосимов, Н.Ҳ. Туйғунов //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. №3, (98). – С. 98-108. ISSN-2219-5408.

**Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[5–М]. Қосимов, М.С.** Хусусиятҳои фарққунандаи пешояндҳои забони англисӣ аз забони тоҷикӣ ва тобишҳои маъноии онҳо [Матн] / М.С. Қосимов // Конференсияи илмӣ- амалӣ байналмилалӣ бахшида ба 30 солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса дар мавзуи “Рушди забони миллӣ дар партави бархурди тамаддунҳо” . Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2022. – С 98-101.

**[6–М]. Қосимов, М.С.** Корбурди пешояндҳо дар калимаю таркибсозӣ дар доираи матни асари бадеӣ ва ифодаи онҳо ба забони англисӣ [Матн] / М.С. Қосимов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ, ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Масъалаҳои назариявии забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ тарҷумашиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ” бахшида ба амалигардонии “Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои солҳои 2021-2030”. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2022. – С. 74-78.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Тақризи номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна мусбат буда, ба афтореферат баҳои хуб дода, як эрод пешниҳод кардааст.
    A. Дар автореферат ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд
2. Тақризи номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав **Олматова Шарофат Сафаралиевна** ба автореферати диссертатсия мусбӣ арзёбӣ гардида, ду эрод пешниҳод намудааст.
    A. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд;
    B. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳо носуфта ба назар мерасанд.

3. Тақризи доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович ба автореферати диссертатсия мусбат арзёбӣ гардида, барои беҳтар гардидани сифати кор чунин нуктаҳо пешниҳод гардидаанд:

А). Дар автореферат мисолҳо камтар ба чашм мерасанд;

Б). Автореферат аз хатогиҳои имлоӣ холӣ нест

4. Тақризи номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар шаҳри Душанбе Сабирова Санавбар Ғаниевна мусбат буда, дар он эроди зерин манзур шудааст:

А). Бо вучуди ин, дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Б) Агар дар автореферат мисолҳои таҳлилшуда бештар оварда мешуд, кор ранги дигар мегирифт.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки дар диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон нахустин маротиба хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории пешояндҳо дар заминаи мисолҳои мушаххаси асарҳои бадеӣ, ки бевосита аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ тарҷума шудаанд, мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Таҳлили маъноӣ ва сохтории пешояндҳо имконият додаанд, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян гарданд. Илова бар ин, баъзе маъноҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи пешояндҳои мураккаби забони англисӣ, ки то имрӯз мушаххас нагардидааст, дар заминаи мисолҳо аз асарҳои интихобшудаи диссертатсия муайян шуда, таҳлил, таҳқиқ ва амиқ карда шудаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот дар боб ва фаслҳои рисола комилан тадбиқ гардидаанд, ки мувофиқатии вазифаҳо ва хулосаҳо аз ин дарак медиҳанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хусусиятҳои типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пурратар дарк карда шаванд, ҳамчунин, натиҷаҳои назарии таҳқиқот барои тақвияти назарияи умумии пешояндҳо дар забоншиносии муқоисавӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда дар ин самт замина ва сарчашмаи устувор фароҳам хоҳад сохт.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд, барои таҳқиқоти минбаъдаи типологӣ ва муқоисавии забонҳои гуногун ва назарияи тарҷума истифода шаванд.

Илова бар ин, дар самти тарҷумаи бадеӣ, ки қоидаву қонунияти хоси худро дорад, низ дастовардҳои таҳқиқот аз аҳамият холӣ нест, зеро хусусиятҳои фарққунандаи пешояндҳо аз нигоҳи тобишҳои маъноӣ ба тарҷумаи дуруст ва амиқ низ алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот дар бахши тарҷумаи бадеӣ дар оянда метавонанд ба сифати сарчашмаи мушаххаси илмӣ хизмат намоянд.

Хулоса ва маводи он метавонад ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳангоми таҳияи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд. Маводҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи бахшҳои алоҳидаи дастурҳои таълимӣ оид ба грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин дар омода намудани курсҳо ва семинарҳои махсус оид ба масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии типологӣ, семасиология, назария ва амалияи тарҷума истифода намуд ва ба барномаҳои таълимии соҳавии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намуд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро асарҳои илмиву назариявии забоншиносони тоҷик, ки дар ҳамин соҳа ба нашр расидаанд, дар раванди таҳқиқот дар диссертатсия истифода шудаанд, аз он ҷумла, корҳои илмиву тадқиқотии донишмандони тоҷик Н. Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ, В. С. Расторгуева, С.Д.Арзуманов, Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, М.Б. Ҳусейнов, Д. Т.Тоҷиев, Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов, М.Исматуллоев, Д.Хоҷаев, П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, Н. Туйғунов, С. Ҷоматов ва дигар забоншиносон ба монанди Т. В. Булигина, В. В. Виноградов Б. Н. Арсененко, Р.С, Арнолд, Ю.В . Смирнитский, Е.Н. Корбина, В.Н. Съедин, М. В. Всеволодова, В.И. Герасимов, Ю.С. Степанов, Е.А. Рейман, А.В. Кравченко, В. В. Варламова, Т.Н. Маляр, О.Н. Селиверстова, J. Marsh, M. Jammer, Е.С. Яковлева, R. Declerck ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар тавсеаи андешаҳои муҳаққиқони барҷастаи соҳаи забоншиносӣ мавзуи мазкурро амиқан таҳлилу баррасӣ намудааст, ки ба сифати **нуктаҳои асосии ҳимояшаванда пешниҳод** гардидаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амал чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки мазмуну мундариҷаи диссертатсия ҳамчун маводи илмӣ барои иншои корҳои илмӣ дар бахшҳои мухталифи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ёрмандӣ менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти зеринро метавон ҳамчун мавод дар корҳои таҳқиқотӣ ва дар таҳияи барномаҳо ё коркарди масъалаҳое, ки бо таҳқиқоти муқоисаи забонҳо алоқаманданд, истифода кард. Кори диссертатсионӣ ва натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқии он метавонад барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мусоидат намуда, барои тақвияти роҳу воситаҳои таълими онҳо мусоидат намуда метавонад.

Маводи кори диссертатсионӣ метавонад дар таҳияи китобҳои дарсӣ доир ба забоншиносии муқоисавӣ ва дигар илмҳои гуманитарӣ истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқикот метавонанд, дар раванди таълими тарҷумаи бадеӣ, инчунин барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус аз фанни забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ истифода бурда шаванд.

**Ғояи** кори диссертатсионӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ дар заминаи роҳандозӣ ва тавсеаи афкору осори илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла, С.Д. Арзуманов, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Л. Бузургзода, М.Б. Ҳусейнов, Д. Т.Тоҷиев, В. С. Расторгуева, Н. Маъсумӣ, Д.Хоҷаев, Д. Саймиддинов, П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, Б. Камолиддинов, Н. Туйғунов Б. Н. Арсененко , Т. В. Булигина, Е.С. Яковлева, Е.Н. Корбина, В.Н. Съедин, М. В. Всеволодова, В.И. Герасимов, Р.С. Арнолд, А.В. Кравченко, Е.С. Яковлева, 16 В. В. Виноградов, Е.А. Рейман, Т.Н. Маляр, О.Н. Селверстова , J. Marsh, M. Jammer, R. Declerck ва дигарон **асоснок карда шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби** дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи пешояндҳо ва таҳқиқи муқоисавии онҳо дар заминаи асари бевосита тарҷумашуда бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, дар ин самт муҳаққиқ ба таҳқиқи пешояндҳое сару кор гирифтааст, ки дар асарҳои зикршуда омадаанд. Дар баробари ин, муҳаққиқ муқоисаи семантикии пешояндҳоро дар заминаи корҳои то имрӯз ба сомонрасонидашуда ба роҳ монда, мувофиқатии маъноии онҳоро дар матни асари бадеӣ мушаххас намудааст. Илова бар ин, мувофиқатии тарҷумаи пешояндҳои забони тоҷикӣ ба англисӣ ҳангоми тарҷума низ то ҷое таҳлил шуда, муҳаққиқ ба андозае дар ин самт дастовардҳоро пешниҳод намуда, тафовут ва умумиятҳоро муайян ва ба риштаи таҳқиқ кашидааст..

Диссертант муаллифи 6 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 13-уми майи соли 2023, №11 дар бораи ба Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби кӯҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филилогия аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 11 нафар овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна

13-уми майи соли 2023